**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) пешниҳод шудааст.**

Яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии давлат дар самти бунёди давлати демкоратӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ва барпо намудани ҷомеаи адолатпарвар ин таъмини равобити мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба ҳисоб меравад. Ташаббусҳои байналмилалии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, татбиқи сиёсати хориҷӣ, ки меҳвари онро сиёсати "дарҳои кушода" ташкил медиҳад аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои комилҳуқуқӣ ҷаҳонӣ буда, ба низоми танзими ҳуқуқи байналмилалӣ ворид гаштааст. Аз ин рӯ, мубрамияти мавзуи баёнкардаи муаллифи диссертатсия, ки дар доираи он таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили такмили низоми ҳуқуқии кишвар мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, равшан аст ва сазовори дастгирии ҳамаҷониба мебошад.

Мавзуе, ки дар диссертатсия оид ба нақши ҳуқуқи байналмилалӣ дар такмили низоми ҳуқуқии давлат мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, дар шароити имрӯзаи пуртазоддуди ҷаҳонӣ яке аз мавзӯъҳои мубрам ва мураккаби илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, вазифаи инъикоси ҳамаҷонибаи ин масъаларо ба миён мегузорад. Аҳамияти илмии диссертатсия дар он аст, ки муаллифи рисола таҳқиқоти фундаменталии назариявӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода, натиҷаҳое ба даст овардааст, ки ҳам барои илми ҳуқуқшиносӣ умуман ва ҳам хусусан барои илми назарияи давлат ва ҳуқуқ аҳамияти калон доранд, ки дар доираи он тадқиқот гузаронида шудааст.

Бартарии бешубҳаи диссертатсия дар он аст, ки он дар чаҳорчубаи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ мавридитаҳқиқ қарор гирифта, консепсияҳо ва омилҳои таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуққии кишвар омӯхта шудаанд; робитаи мутқобилаи субъект, сарчашмаҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ баррасӣ шудааст; аҳамияти сиёсати ҳуқуқии кишвар дар амти рушд ва таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии кишвар аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст; аҳамияти ҳуқуқӣ байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои дохилидавлатӣ таҳлил карда шудаанд; тадбирҳои пешгирии таъсири манфии ҷаҳонишавӣ дар рафти ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ ва

дохилидавлатӣ баррасӣ гардида, самаранокии равобити ҳуқуқи байналмилалӣ бо ҳуқуқи дохилидавлатӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд.

Пешниҳоди назариявии муаллифи диссертатсия доир ба таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии давлат дар замони муосир қобили таваҷҷӯҳ мебошад. Диссертант менависад, ки ҳуқуқи байналмилалӣ ҷузъи ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ бевосита таъсир расонида, самт ва динамикаи рушди онро муайян мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ба ҳеҷ ваҷҳ набояд нақши ҳуқуқи байналмилалиро дар рушди низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ, инчунин дар ҳалли мушкилоти глобалии башарият нодида гирифт. Ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ ҳамеша нақши асосиро мебозад ва ба қонунгузории миллии он давлатҳое, ки худро аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ мешуморанд, ҳамеша таъсир мерасонад. Аммо дар шароити муосир, дар пасманзари муқовимати геополитикии байни давлатҳои абаркудрати ҷаҳон принсипҳо ва равишҳои нав ба шаклу механизмҳои равобити ҳуқуқҳои байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ зарур аст. Ин бояд ба принсипҳои ба назар гирифтани манфиатҳои миллӣ асоснок карда шавад (С. 33).

Дар доираи як тақриз баррасӣ ва номбар кардани тамоми бартариҳои тадқиқоти диссертатсия хеле душвор аст, аммо пешниҳоди муаллифи диссертатсия ба номгӯи мақомоти марказӣ, ҳудудӣ ва дигар мақомоти ваколатдори амаликунандаи муносибатҳои бевосита мутобиқи конвенсияҳои байни давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил доир ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ, ки 22.01.1993 (ш. Минск) ва 07.10.2002 (ш. Кишинёв) ба имзо расидаанд ва бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2017, № 870 тасдиқ карда шудааст, ворид намудани Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатӣ оид ба кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (С. 36) тавзеҳоти иловагиро талаб мекунад. Мехоҳем шарҳи муаллифи диссертатсияро оид ба ин масъала дар рафти дифои диссертатсия бишнавем.

Бинобар ҳолатҳои номбаршуда, ва таҳлили автореферати диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музавфар шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти илмӣ тақризшаванда натиҷаи нахустин тадқиқоти ягонаи илман асоснок ва фарогири масъалаҳои муҳими назариявии таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, шакли пурраю ҷамъбастшудаи тадқиқоти илмӣ ва аз ҷиҳати мазмун тадқиқоти асосноки хотимаёфта мебошад.

Дар маҷмӯъ аз мазмуни автореферати диссертатсия бармеояд, ки тадқиқоти диссертатсионии Ҳасанзода Шаҳноза Музафар кори илмии мустақилона буда, хулоса ва пешниҳодҳои он мантиқан дуруст ва илман асоснок гардида, бaанҷомрасида мебошад.

Аз омӯзиши матни пурраи автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки он ба талабот ҷавобгӯ буда, диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) пешниҳод шудааст, тадқиқоти илман асосноки ҷамъбастшуда ва ҷавобгӯи талаботи ҷорӣ буда, муаллиф сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ф. Ф. Идизода

Имзои Идизода Ф.Ф.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

735000, ш. Душанбе, куч.
Буни Ҳисорак, бинои 11, ошёнаи 4,
утоқҳои 418, 419.

«29» 08 2025 с.